# *«Tajikistan State University of Commerce»*

## *Course name: National economy*



**Week:7. *Sustainable economic development is the basis for the progress of human society*.**

**Khojazoda Dilovar Khairuddin**

*«Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тиоҷикистон»*

*Номи фан: Иқтисоди миллӣ*



# Мавзӯи: 7. Рушди босуботи иқтисодӣ - асоси пешрафти ҷамъияти башарӣ.

Хоҷазода Диловар Хайруддин

# Саволҳои лексия:

**1. Заминаҳои пайдоиши мафҳуми тараққиёти босубот**
**2. Мафҳуми тараққиёти босубот ва шарҳи ботавсили он**
**3. Меъёрҳои тараққиёти босуботи иқтисодӣ**
**4. Самтҳои асосии тараққиёти босубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# 1. Заминаҳои пайдоиши мафҳуми тараққиёти босубот:

Дар шароити ҳозира модели анъанавии иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда бо баъзе аз меъёрҳо ба мақсад мувофиқ набуда, барои дигар кишварҳо ба сифати намуна истифода бурдан ба мақсад мувофиқ нест. Ин ҳолат дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои СММ ва дигар маърузаҳое ки дар конфронсҳои байналхалқӣ мегузарад доимо баррасӣ карда мешавад[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Тараққиёти босубот

Дар он аз он ҷумла қайд карда мешавад, ки модели тараққиёти ғарб дигар ба мақсад мувофиқ набуда, ягона роҳҳои ҳалли муаммоҳои глобалӣ –ин тараққиёти босубот мебошад. Аз ин гуфтаҳо он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳаҷми ифлосшавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар мамлакатҳои тараққикарда нисбати давлатҳои рӯ ба инкишоф қариб 50 маротиба зиёд мебошад[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-
Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Рушти босубот дар мамлакатҳои тарақикарда

Барои бадастории сатҳи тараққиёти мамлакатҳои пешқадам барои ҳамаи кишварҳои дунё зарур аст, ки истифодаи захираҳои табии ва миқдори ифлосиҳоро ба миқдори 10 маротиба зиёд намоянд, ки ин дар ҳолати маҳдудияти захираҳо ва мураккаб гардидани муаммоҳои экологӣ ғайримкон  аст (дар бораи муаммоҳо). Масалан, агар мамалакатҳои рӯ ба тараққӣ хоҳанд, ки тарзи зиндагии мамлакатҳои тараққикардаро дошта бошанд, он гоҳ зарурият пайдо мешавад, ки истифодаи захираҳои сӯзишвориро бо 10 маротиба, сатҳи истифодаи захираҳои минералиро тахминан ба 200 маротиба зиёд намоянд[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Мушкилотҳои экологӣ

Ҳолати мураккаб гардидани проблемаҳои экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири манфии он ба муҳити зист бисёре аз роҳбарони ҳатто мамлакатҳои иқтисодашан тараққикардаи дунёро ба ташвиш даровардааст. Дар ин бораи вице-президенти ИМА А. Гор дар солҳои 1993-2000, дар китоби «Замин дар палаҳои тарозу. Экология ва руҳи одамӣ» (1992) чунин менависад: «дар шароити ҳозира тараққиёти иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба муҳити зист харобиовар аст, ки ин ҷараён рӯз то рӯз ба табиат ва дар ниҳояти кор ба тараққиёти башарӣ таъсири манфии худро расонида истода аст»[1].

1.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Ташаккули консепсияи тараққиёт:

Дар ташаккули консепсияи тараққиёт бо назардошти маҳдудиятҳои экологӣ чӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва чӣ аз ҷиҳати амалӣ маърузаи Комиссияи байналхалқӣ бо муҳити зист ва тараққиёт «Ояндаи умуми мо» (с 1987), ки бо супориши СММ таҳти раисии Х.Г. Брундтланд гузашт, мақоми муҳимро ишғол намуд. Мақсади асосии маъруза коркарди барномаи глобалии тағиротҳо дар тараққиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар маъруза стратегияи дарозмуддат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки тараққиёти босуботи иқтисоди ҷаҳониро ба мӯҳлатҳои зиёд пешбини мекард пешниҳод карда шуд, ки дар он роҳҳо ва воситаҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар madди аввал меистод. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои комиссияи байналхалқӣ аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ баҳои мусбиро гирифт[1].

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

## *Зарурати омӯзиши сатҳи экологӣ:*

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои комиссияи байналхалқӣ аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ баҳои мусбиро гирифт. Ба ҷумлаи чунин чорабиниҳо Конфронси СММ дар бораи муҳити зист ва тараққиётро дохил кардан мумкин аст, ки он соли 1992 дар Рио-де-Жанейро баргузор гардид. Ҳуҷҷати муҳиме ки дар ин конфронс баррасӣ гардид ин барномаи «Тартиби рӯз барои асри ХХ1» буд, ки аз тарафи 179 давлати дунё қабул гардида ки дар худ таҷассумкунандаи барномаи ҷаҳонии тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии башарӣ барои садсолаи оянда буд[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

## 2.Мафҳуми тараққиёти босубот ва шарҳи ботавсили он:

Асоси ташаккулёбии навъи сатҳи экологӣ-иқтисодӣ, чи хеле ки дар хулосаҳои маърӯза қайд мегардад ин бояд тараққиёти босубот бошад. Дар ҳозира дар адабиётҳо бештар аз 60 мафҳуми тараққиёти босубот вуҷуд дорад, ки миёни онҳо таърифе ки аз тарафи комиссияи Г.Х. Брундтланд мебошад ба мақсад бештар мувофиқ аст. Онро бо чунин тарз шарҳ метавон намуд[1]:

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Мафҳуми тараққиёти босубот:



«тараққиёти босубот –ин чунин тарзи тараққиёт мебошад, ки талаботи ҳозираи аҳолиро қонеъ намуда, аммо талаботи насли ояндаро таҳти хатар намемонад».

# Рушди босубот аслан ду мафҳуми асосиро дар бар мегирад:

1. Мафҳуми талабот, аз он ҷумла талабот, барои арзи вуҷуд доштани табақаи қашоқи аҳолии, ки бояд предмети аввалиндаҷаи пешбурди ҷамъият бошад;

2. Мафҳуми маҳдудият, ки ҳолати технологӣ ва ташкилии ҷамъиятро бо назардошти ҳифзи муҳити зист, ки ба қонеъ намудани талаботи имрӯзаю ояндаи ҷамъият равона карда шудааст дарбар мегирад[1].

1.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Гуногунии мафҳумҳои тараққити босубот:

Инчунин бояд онро низ қайд намуд, ки мафҳумҳои гуногуни тараққиёти босубот низ вуҷуд дорад, ки ҷиҳатҳои муҳими иқтисодии онро муайян мекунад, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

-тараққиёте мебошад, ки харочотҳои зиёдатиро барои насли оянда талаб намекунад[1];

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

-тараққиёте ки ҷиҳатҳои манфии истифодабарии захираҳоро кам мекунад[1];

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.



- тараққиёте ки такрористеҳсоли васеъи захираҳои истеҳсолиро барои оянда қонеъ мегардонад[1];

1.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе : «Ирфон», 2007. - 488 с.

-тараққиёте аст, ки тақозо мекунад инсоният аз ҳисоби фоизи капитали табиӣ зиндаги намояд, ба мисли оне ки дилхоҳ инсони боақл аз ҳисоби фоизи маблағе ки дар дар бонк дар гардиш ҳаст зиндагии худро пеш мебарад[1].

1. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

# 3.Меъёрҳои тараққиёти босуботи иқтисодӣ:

Бояд қайд намуд, ки гузариш ба тараққиёти босубот тақозо менамояд, ки омилҳои экологиро ба қатори нишондиҳандаҳои иқтисоди-иҷтимоии дохил намояд, ки ин ҷараён метавонад бо воситаи индикаторҳои тараққиёти босубот амали гардонида шавад. Онҳо бояд ба барномаҳои байналхалқи ва миллии тараққиёти босубот дохил карда шаванд, ки на танҳо тарққиёти иқтисоди, балки сатҳи ҳифзи муҳити зистро низ арзёби карда тавонанд[1].

1.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе : «Ирфон», 2007. - 488 с.

Бояд қайд намуд, ки бисёре аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодии анъанави (ММУ, МММ, ММД, даромад ба ҳар сари аҳоли) тараққиёти иқтисодиро баҳогузори карда, аммо ҳалли проблемаҳои экологиро маҳдуд менамояд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ба назар гирифтани танҳо нишондихандаҳои иқтисоди метавонад дар ниҳояти кор сабаби ғайриоқилона истифодабарии захираҳо ва ифлосшавии муҳити зист гарданд[1].

1. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

Бо ақидаи олими амрикои, иқтисодчи-эколог Герман Дели, то он вақте ки меъёри беҳдошти сатҳи зиндагии одамон нишондиҳандаҳои макроиқтисодии анъанави мебошад дар роҳи тараққиёти иқтисоди ва умуман тараққиёти башари монеъаҳои бузург вуҷуд доранд. Чи хеле ки дар боло қайд карда шуд, дар конфронси СММ дар бораи муҳити зист ва тараққиёт баргузор гардид (с. 1992 дар Рио-де-Жанейро), аз тарафи 179 давлати дунё қабул гардида ки дар худ таҷассумкунандаи барномаи глобалии тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ башарӣ барои садсолаи оянда буд кайд гардид, ки индикаторҳои босубот бояд ба критерияҳои зерин ҷавобгу бошанд[1]:

1. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

# Намудҳои индикатор:

1
- -бояд имконияти истифодабари дар дараҷаи бузург ва масоҳати калон дошта бошад;

2
- -ҷиҳатҳои экологи, иқтисоди ва иҷтимоиро дошта бошанд;

3
- -бояд бо воситаи нишондиҳанда ҳам миқдорию ҳам сифати ҷавобгу бошанд;

4
- -бояд ба системаи омори милли такя карда тақозои хароҷотҳои зиёдатиро ба ҷамъи ахборот ва ҳисобҳо надошта бошад;

5
- -бояд шафофиятии ҳодисаҳо баръало ба мушоҳида расад;

6
- - ба талаботҳо ва меъёрҳои чаҳони ҷавобгу бошанд[1].

1. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

## 4.Самтҳои асосии тараққиёти босубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон (23.12.2022) муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ нақши калидӣ доштанд ва ин бесабаб набуд, зеро айни ҳол буҳрони сиёсию иқтисодӣ минтақа ва ҷаҳонро зери таъсири манфии худ қарор дода, ояндаи он пешгӯинашаванда боқӣ мемонад. Новобаста ба ин пайомадҳо ва таъсири буҳрони иқтисодии баамаломада, зикр шуд, ки нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат таъмин гардида, дар маҷмуъ, соли 2022 соли бобарор арзёбӣ шуд[1].

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Тадбирҳои андешидашуда имконият фароҳам оварданд, ки на танҳо вазъи иқтисодиро дар ҳолати мутавозун нигоҳ дорем, балки аксари нишондиҳандаҳоро зиёд таъмин намоем. Ин андеша аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ва баъзе ниҳоду созмонҳои ҷаҳонӣ низ, эътироф гардидааст. Ин нуқта дар Паём бо чандин паҳлуҳои фарогир мавриди таъкид қарор дода шуд: “Соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардондани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд[1]”

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Пешвои миллат на танҳо дар доираи Паёми навбатӣ, балки дар ҳама вохӯрӣ ва суханрониҳояшон бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид месозанд, ки вазифаи асосии иҷтимоии давлат баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Дар ин замина зикр намуданд: “Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонда шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид, музди миёнаи меҳнат дар кишвар 1,5 баробар ва андозаи нафақа 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 ба 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд”[1].

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Агар мо ба нишондиҳандаҳои омории солҳои соҳибистиқлолӣ қиёс намоем, фарқ аз замин то осмон аст. Тоҷикистон баъд аз солҳои 2000-ум ислоҳоти пурраи иқтисодиро пеш мебарад. Барои ҳар як фарди равшанфикр возеҳ аст, ки давра ба давра нишондиҳандаҳои иқтисодӣ беҳтар мешаванд. Ба ин раванд ҳадафи чоруми стратегии давлату Ҳукумат– саноатикунонии босуръати кишвар боз ҳам амиқтар мусоидат менамояд[1].

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Таҳлилҳо дар Паём оид ба масъалаҳои иқтисодӣ мушаххас буданд ва нишондиҳандаву пешрафтҳо дар доираи факту рақамҳо хеле хуб нишон дода шуданд. Яке аз омилҳои аслии коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ин таъсиси чойҳои кории нав мебошад. Маълум аст, ки ба ифтихори чашнҳои бузурги миллӣ бо бунёди коргоҳҳои нави истеҳсолӣ даҳҳо ҳазор чойҳои корӣ  таъсис ёфтанд. Ин раванд имконият фароҳам овард, ки сатҳи муҳочирати меҳнатиро низ, коҳиш диҳад[1],

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои стратегии мамлакат тадриҷан амалӣ гашта, бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ, пешгирии таъсири манфии омилҳои берунӣ ба он, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта зарурати боз ҳам беҳтару хубтар фаъолият кардани соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи мамлакат ба миён омадааст. Бояд гуфт, ки барои ноил шудан ба афзалиятҳои муайяншуда на танҳо вусъат бахшидани суръати рушд, балки ба сифати рушд аҳамияти махсус додан лозим аст[1].

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

Хулоса, ҳар як Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи мукаммали рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатро дар бар гирифта, боиси сол ба сол беҳтар шудани некуаҳволии сокинони кишвар ва татбиқи босамари ҳадафҳои стратегӣ мегардад1.

Ҳамин тавр фикру ақидаҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда самтҳои муҳимтари тараққиёти босуботро қайд менамоем, ки миёни онҳо чунин самтҳоро метавон ҷудо намуд:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

1. -истифодаи оқилонаи захираҳо (замин, об, ҳаво, олами ҳайвоноту наботот);

2. - экологикунонии чараёни истеҳсолот (гузариш ба технологияи кампартов ва бепартов, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон бо усули биологи, маҳсулоти аз чиҳати экологи тоза);

3. -молиякунонии чараёни истеҳсолот (додани карзҳои имтиёзнок ва фоизашон паст, чоннок намудани сармоягузоричои давлати ва чалб намудани сармояи хоричи);

4. -таъмини технологияи инноватсиони (истифодаи масалан нурҳои офтоб, стансияҳои боди, яъне табдил додани захираҳои табиии ва иқтисоди, чори намудани намудҳои нави обмони)[1];

1. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди чаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

5

- - гузариш ба технологияи энергия ва ҳифзкунии захираҳо, муҳофизати муҳити зист ба хотири истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;

6

- -баланд бардоштани ҷиҳатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи некуаҳволии халқ (бо ҷои кор таъмин намудан, паст кардани сатҳи камбизоати ва ҷашоки, сатҳи бекори, баланд намудани маош ва ҷоннок намудани соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон);

7

- -мукаммал гардонидан ва рушди моликияти зеҳни[1].

1. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ – Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

# Адабиёти истифодашуда:

1.Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

2. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.

3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 ш. Душанбе.

4.Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

5.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

6.Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

7. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

8.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# ТАШАККУР БА ДИҚҚАТАТОН!